# ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2018

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30 сентябри соли 2018 дар маҷмуъ 79 ташкилоти қарзӣ, 18 ташкилоти суғуртавӣ, 7 ташкилоти лизингӣ, 16 ташкилоти ломбардӣ, 2 биржаи фондӣ (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё), Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фонди дастгирии соҳибкорӣ) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият менамоянд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар ҷамъбасти нуҳмоҳаи соли 2018 дар маҷмуъ ба 22 007 млн. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 1 146 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Зиёд шудани дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ, ташкилотҳои лизингӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва Фонди дастгирии соҳибкорӣ дар давраи ҳисоботӣ, ба афзоиши дороиҳои низоми молиявӣ мусоидат намуд. Нишондиҳандаи дороиҳо нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра ба 33,2 фоиз баробар гардид.

Аз дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар 96,3 фоиз ба низоми бонкӣ рост омада, танҳо 3,7 фоизи онро дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (1,6 фоиз), ташкилотҳои лизингӣ (1,1 фоиз) ва Фонди дастгирии соҳибкорӣ (1,0 фоиз) ташкил медиҳанд.

***Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | 30.09.2017 | | | 30.09.2018 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Шумора** | **дороиҳо (млн. сомонӣ)** | **(% аз ҷамъ)** | **Шумора** | **дороиҳо (млн. сомонӣ)** | **(% аз ҷамъ)** | **Афзоиши дороиҳо (%)** |
| **Ташкилотҳои қарзӣ** | **96** | **20 212** | **96,9** | **79** | **21 189** | **96,3** | **4,8** |
| ***Бонкҳо*** | ***16*** | ***17 549*** | ***84,1*** | ***17*** | ***18 242*** | ***82,9*** | ***4,0*** |
| *Бонкҳои давлатӣ* | *3* | *9 296* | *44,6* | *3* | *9 709* | *44,1* | *4,4* |
| *Бонкҳои хориҷӣ* | *6* | *2 050* | *9,8* | *6* | *2 055* | *9,3* | *0,2* |
| *Бонкҳои дигар* | *7* | *6 203* | *29,7* | *8* | *6 479* | *29,4* | *4,4* |
| ***Ташкилотҳои маблаггузории хурд*** | ***80*** | ***2 663*** | ***12,8*** | ***62*** | ***2 947*** | ***13,4*** | ***10,7*** |
| *Ташкилотҳои амонатӣ қарзии хурд* | *33* | *2 316* | *11,1* | *25* | *2 486* | *11,3* | *7,4* |
| *Ташкилотҳои қарзии хурд* | *13* | *172* | *0,8* | *6* | *186* | *0,8* | *8,3* |
| *Фондҳои қарзии хурд* | *34* | *175* | *0,8* | *31* | *275* | *1,2* | *56,8* |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **21** | **270** | 1,3 | **18** | **352** | 1,6 | **30,5** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **11** | **227** | 1,1 | **7** | **238** | 1,1 | **4,6** |
| **Ташкилотҳои ломбардӣ** | **16** | | | **16** | | | |
| **Биржаҳои фондӣ** | **1** | | | **2** | | | |
| **Фонди дастгирии соҳибкорӣ** | **1** | **153** | 0,7 | **1** | **228** | 1,0 | **49,2** |
| **АСИН** | **1** | | | **1** | | | |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***147*** | ***20 861*** | **100** | ***124*** | ***22 007*** | **100** | ***5,5*** |

Бахшҳои низоми молиявӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим дошта, вобаста ба фаъолияти худ ба муштариён хизматрасониҳои гуногун пешниҳод менамоянд.

Низоми бонкии кишвар ба ду гурӯҳи ташкилотҳои қарзӣ тақсим шуда, бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурдро (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд) дар бар мегирад. Дар нуҳмоҳаи соли 2018 дороиҳои низоми бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 4,8 фоиз афзуда, ба 21 189 млн. сомонӣ баробар гардид.

Дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 338 филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ, 1 307 марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва 9 нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ ба аҳолӣ хизмат расониданд. Илова бар ин, ба интиҳои давраи ҳисоботӣ шумораи суратҳисобҳои бонкии барои муштариён кушодашуда, 3 371,7 млн. ададро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 ба андозаи 1,3 фоиз кам мебошад.

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, вобаста ба зиёд шудани маблағи мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ва сармояи баъзе аз ташкилотҳои суғуртавӣ, ба маблағи 82 млн. сомонӣ ё 30,5 фоиз афзуда, ба 352 млн. сомонӣ баробар гардид. Дар ин давра 18 адад ташкилотҳои суғуртавӣ бо 77 филиалҳояшон хизматрасониҳои суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд. Дар баробари ин, дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ташкилотҳои суғуртавӣ бо муштариёни худ 1 285,0 ҳазор адад шартнома аз рӯи намудҳои гуногуни суғурта ба имзо расониданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 88,5 ҳазор адад зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дороиҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ 228 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба нуҳмоҳаи соли 2017 ба андозаи 49,2 фоиз зиёд мебошад.

Бинобар дастрас набудани маълумоти муфассал, фаъолияти Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, Биржаи фондии Осиё, АСИН, ташкилотҳои лизингӣ ва ломбардҳо мавриди таҳлил қарор дода нашуданд.